# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст.

Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Саттор Турсун яке аз нависандагони маъруф ва сермаҳсули адабиёти муосири тоҷикӣ мебошад, ки осори ӯ воқеан шоистаи таҳқиқот ва баррасии илмӣ мебошад. Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки Саидзода Саида Саид самтҳои гуногуни фаъолияти эҷодии Саттор Турсунро бо шумули якчанд масъалаҳои мубрами рӯзгору осори нависанда, аз ҷумла зиндагинома, осор, роҳи эҷодии адиб, таснифи асарҳои ӯ, густариши ҳикоя ва повест дар насри муосири тоҷикии солҳои 70-90, нақши ҳикояҳо ва повестҳои Саттор Турсун дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикӣ, шеваҳои тасвири вокеияти зиндагӣ дар повестҳо, романи «Се рӯзи як баҳор», таҳлили образҳо ва забону сабки баёни Саттор Турсунро ба таҳқиқи илмӣ гирифтааст.

Аз таҳлили автореферат ба назар мерасад, ки диссертатсия аз мукаддима, се боб, хулосаву китобнома ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ иборат аст. Дар мукаддима масъалаҳои назариявии таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайян ва талаботи автореферати илмӣ нигошта шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Омилҳои ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун»** номида шудааст ва аз чаҳор фасл иборат буда, дар он муаллиф масъалаҳои роҳи эҷодии нависанда, таснифи асарҳояш, густариши ҳикоя ва повест дар насри муосири тоҷикии солҳои 70-90 ва накши ҳикояву повестҳои Саттор Турсун дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикиро хуб таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Боби дувуми диссертатсия **«Шеваҳои тасвири вокеияти зиндагӣ дар повестҳои Саттор Турсун»** унвон дорад ва дар ин ҷо чаҳор повести нависанда аз нигоҳи мавзуъ ва мундариҷа таҳқиқ шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун»** унвонгузорӣ шудааст ва дар он масъалаҳои тасвири ҳолатҳои равонӣ ва пуртазоди зиндагӣ, тасвири пайванди инсон ва табиат, таҳлили образҳо дар роман ва забону сабки баёни Саттор Турсун пажуҳиш ва баррасӣ гардидаанд.

Аз баррасии маводи автореферат ба назар мерасад, ки муаллиф ҳамаи вазифаҳои дар назди худ гузоштаро оид ба ҳалли масъалаҳои мавзуи диссертатсионӣ дар пояи хуби илмӣ таҳқиқ ва таҳлил намудааст. Дастовардҳои муаллиф назаррасанд ва таҳлили мавзуъ ва натиҷагириҳо сазовори эътимод аст.

Хулосаи таҳқиқ дар 13 банд бо далелҳои мушаххас ифода ёфтааст, ки аз вуқуфи муаллифи диссертатсия аз пажуҳиши мавзуъ дарак медиҳад.

Автореферати диссертатсия бо забони равони илмӣ иншо шудааст ва дар радифи дастовардҳо баъзе ноҷӯриҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳоро зарур мешуморем:

1. Дар боби дувуми диссертатсия баъзе иқтибосҳо ҳаҷман калонанд ва унвонҷӯй имкон дошт, ки онҳоро мушаххастар баён созад.

2. Дар боби сеюм, дар романи «Се рӯзи як баҳор» образҳои зиёд фаъолият доранд, вале муаллиф танҳо образҳои Усмон Азиз, Таманно ва Анварро ба таҳлил гирифтааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
декани факултети филологияи тоҷики МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна

02.02.2026

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд
хиёбони Исмоили Сомонӣ х. 199 х.80
Тел.: (+992) 92 7714470
E-mail: zamira_ulmasova @mail.ru

Имзои Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевнаро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров» Сайдуллозод З.С.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд,
кӯчаи Мавлонбекова 1.
Тел.: (+992) 928057007
E-mail: ddhkadr@mail.ru
02.02.2026